**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Анушервони Исрофил дар мавзуи «Одатҳо дар муомилоти маданӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муҳиме бахшида шудааст, ки дар тули таърихи инкишофи илми ҳуқуқшиносии ҷаҳонӣ ва Тоҷикистон ҳамеша мавриди назари хоси муҳаққиқон мебошад. Дар замони муосир низ моҳият ва аҳамияти одатҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, алалхусус муомилоти маданӣ ҳамчун муҳим ва ҳалталаб боқӣ мемонад. Чунки падидаи одатҳо дар муомилоти маданӣ аз руи табиати худ омузиш ва пайгирии доим ва пайвастаро тақозо менамояд.

Тадқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил аз таҳқиқотҳои монанд бо он фарқ мекунад, ки дар қатори одатҳои умумиэътирофшудаи илми ҳуқуқшиносии муосир, ҳамзамон одатҳо, анъана ва расму оинҳои бостонии миллиро дар танзими муомилоти маданӣ мавриди омузиш қарор додааст.

Сохтори диссертатсия аз феҳристи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқотро фаро мегиранд.

Муаллиф тавонистааст, ки мавзуи тадқиқотро бо пайдарҳамии таърихии инкишофи он, аз одатҳои маишии қадимтарин то одатҳои ҳуқуқии муосир, инчунин бо такя ба сарчашмаҳои муътабари халқу кишварҳои гуногун, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, аз нигоҳи таърихӣ, назариявӣ ва соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ омухта баҳо диҳад, ки бешубҳа барои илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон, алалхусус илми назарияи ҳуқуқ ва ҳуқуқи маданӣ саҳми назаррас мебошад. Бо анҷом додани таҳқиқоти одатҳо, муаллиф собит намудааст, ки омузиши мазкур на танҳо барои дарки раванди таърихии пайдоиши ҳуқуқ, балки барои идомаи рушди меъёрҳои ҳуқуқӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар ин ҷода муаллиф бо омузиши паҳлуҳои мухталифи қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» собит менамояд, ки нақши одатҳо дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла муомилоти маданӣ ҳамчун сарчашмаи муайянкунандаи рафтори ҳатмӣ хеле назаррас мебошад ва қабули Қонуни ишорашуда, барои батанзимдарории одатҳо ва ташаккули одатҳои ҳуқуқӣ замина гузоштааст. Ин иқдом барои рушди низоми ҳуқуқи Тоҷикистон беназир ва саривақтӣ мебошад.

Хулосаи муаллиф оиди он ки айни ҳол дар Тоҷикистон одатҳои зиёде мавҷуд мебошанд, ки онҳо ба як низом даровarда нашуда, иштирокчиёни субъектони муомилоти маданӣ пеш аз ҳама соҳибкорон ва дигар шахсони воқеӣ аз мавҷудият ва истифодаи он бебаҳра мондаанд ва дар ин замина пешниҳоди такмил додани қонунгузорӣ бо истифода аз қоидаи одатҳо, қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти бадастовардаи муаллиф аз он далолат медиҳанд, ки таҳқиқот ба таҳлили объективона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявию амалӣ, ки бо паҳлӯҳои гуногуни одатҳо дар муомилоти маданӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулгардида, муайян намудани он, таҳияи афкору тавсияҳои назариявию амалии рисоланавис, навоварии илмӣ ва тавсияҳо, таҳлили қонунгузории миллӣ ва қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар соҳаи одатҳо дар муомилоти маданӣ алоқаманд аст, асос мeёбад. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони И. дар он ифода мeёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти одатҳои муомилоти маданӣ дар муносибатҳои маданӣ истифода карда мешаванд.

Дар диссертатсия якчанд масъалаҳои баҳснок ба назар мерасад, аз ҷумла мисолҳо аз амалияи татбиқи одатҳо дар муомилоти маданӣ дар матни автореферат кам ба назар мерасад. Омӯзиши ин амалия метавонад барои самаранок истифода бурдани таҷрибаи татбиқи одатҳо дар муомилоти маданӣ муосидат менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Анушервони Исрофил дар фазои илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти илмии анҷомёфтае буда, аз ҷониби муаллиф ҳамҷониба таҳқиқ гардида, дар он

масъалаҳои назариявӣ-амалии одатҳо дар муомилоти маданӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва унвонҷуй сазовори ба ӯ дода шудани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
судяи Суди шаҳри Хуҷанд Аслонзода С.Н.

**Имзои Аслонзода С.Н.-ро тасдиқ мекунам:**
Раиси Суди шаҳри Хуҷанд Мирзоҳомидзода Д.

«11» марти соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хуҷанд, кӯчаи А. Фирдавсӣ, 146.
Тел: (+992 3422) 4 21 25.
Email: khujand@sud.tj